18 12 2018



**15 декабр Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо раиси шахри Душанбе Рустами Эмомалӣ бо нашъунамои дарахтони мевадихандаю сояафкан дар “Боги миллии Точикистон”, вокеъ дар кисми гарбии пойтахт, шинос шуданд.**
Муассисаи давлатии “Боги миллии Точикистон” соли 2006 дар заминаи собик Боги ботаникии Университети давлатии Точикистон (Донишгохи миллии Точикистон), ки соли 1937 таъсис ёфта буд, ташкил карда шуд.
Масохати бог наздики 95 гектарро ташкил медихад. Дар майдони 63 гектар дарахтони себ, ангур, бодом, анчир, нок, гелос, олу, шафтолу, хурмо, бихӣ, чормагз, зардолу ва писта мавчуданд, ки нашъунамои хуб доранд ва хосили аксари онхо ба хоричи кишвар содир мегардад. Дар масохати наздики 10 гектар нихолхои сояафкан ва ороишӣ парвариш карда мешаванд.
Зимни шиносоӣ бо нашъунамои дарахтон Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба раиси шахри Душанбе Рустами Эмомалӣ, раисони нохияхо, рохбарони богхои фархангию фарогатии пойтахт ва мутахассисони сохаи богдорӣ дастур доданд, ки ба хотири ба шахри гулхо табдил додани пойтахти кишвар, ба таври васеъ аз дарахтони дар ин бог парваришшуда истифода баранд. Хамин тавр, дастур дода шуд, ки аз ин чо барои боз хам зебою дилнишин кардани Боги Касри миллат, Боги фархангию фарогатии ба номи Садриддин Айнӣ, Боги Фирдавсӣ, Боги Устод Рӯдакӣ, Боги чавонӣ, Боги Ахмади Дониш, Боги Алишери Навоӣ, богхои Парчам ва Нишони давлатӣ, Боги Ирам, Боги Наврӯзгох,

атрофи Масчиди маркaзии чомеи шахри Душанбе ва иншооти нави Донишкадаи исломии Точикистон ба номи Имоми Аъзам - Абуханифа Нуъмон ибни Собит ва дигар богхои пойтахт бештар аз 100 хазор дарахти ороишӣ шинонда шавад.
Дастурхои дигар ба рохбарияти Боги миллӣ барои то ба 180 гектар васеъ кардани майдони бог ва ба макони бузурги дилрабои сайру саёхат мубаддал гардондани он дода шуд. Таъкид гардид, ки барои ба боги мухташам табдил додан аз хозир нихолхои гуногун ва гулу буттахои зиёд парвариш карда шавад.
Дар оянда ин мавзеъ, бо хидоятхои Пешвои миллат, ба маркази бузурги фархангию фарогатӣ барои сокинон, бо тамоми шароити зарурӣ, табдил дода мешавад.
Дар Боги миллӣ шумораи дарахтони мевадиханда 17 хазору 365 бех буда, теъдоди умумии 30 намуд дарахти сояафкану ороишӣ ва хамешасабз 67 хазор бехро ташкил медихад. Инчунин, дар ин чо барои ба иклими Точикистон мутобик кардан, 8 намуди дарахт, ки шумораашон 355 бехро ташкил медихад, мавчуд аст ва онхо нашъунамои хуб доранд.
Дар Боги миллӣ кормандон аз тухм ва каламча нихолхои дарахтони гуногунро парвариш кардаанд, аз чумла сарв, маржевика, сарви аризонӣ, туя, сафора, зерфун, шохбулут, магнолияи хамешасабз, магнолияи баргпарто, инчунин, гулхо аз кабили садбарг, секвойя, зирк, легустра, брисклет, фарзетсия, туяи тиллоранг ва шамшод.
Дар муассисаи мазкур, хамчунин, ба хотири таъмини дигар хочагихои богпарварӣ, парвариши каламчаи дарахтон ва гулу буттахои ороишӣ ба рох монда шудааст. Дар худуди 3,8 гектар замини корам галла ва картошка кишт мегардад. Дар майдони 0,5 гектар бошад, гармхонахои парвариши лимӯ сохта шудааст.
Дарахтони нодири ороишӣ аз хорич ворид шуда, дар ин чо минтакабоб мешаванд.
Соли 2017 барои богхову хиёбонхои шахри Душанбе аз тарафи Боги миллӣ беш аз 60 хазор ва имсол 25 хазор гули сабдарг чудо карда шуд.
Дар Муассисаи давлатии “Боги миллии Точикистон” беш аз 100 нафар фаъолият мекунанд ва дар вакти чамъоварии хосили дарахтони бог, инчунин, даххо нафар коргарони мавсимӣ ба кор чалб мегарданд.
Хамаи нихолхои ороишию сояафкан ва гулу буттахои нодири ороишӣ ва хушбӯи дар Боги миллӣ парваришшуда, барои зебо кардани богхои пойтахт ва ташкили богхои нав дар хиёбонхои шахри Душанбе нигаронда шудааст.
Мавриди зикр аст, ки ба шарофати истиклолияту вахдати комили сартосарӣ ва бо дастуру хидоятхои Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар тамоми мамлакат богхои кухна аз нав тачдиду баркарор ва дар майдони хазорхо гектар замин богхои нав бунёд мешаванд.